**Тақриз**

ба автореферати диссертатсияи унвонҷӯ Саидова Ситора Назаровна дар мавзуи **“Зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли онҳо”** (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ) барои дарёфти дараҷаи илмйи номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ

Зарурияти тадқиқи пояҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор масъалаҳоеро рӯи кор меорад, ки баррасии онҳо ба амалияи ҷомеасозӣ ва давлатсозии муосир вобаста мебошанд. Мавзуи таҳқиқотии диссертатсияи Саидова С.Н., **“Зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли онҳо”** (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ) аз ҷумлаи ин муаммоҳо буда, ҷавобан ба ниёзмандиҳои ҷомеаи имрӯзаи тоҷикистонӣ оид ба мавзуи зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосир ва роҳҳои ҳалли онҳо ба сомон расонида шудааст.

Муҳим ва ба талаби замон ҷавобгӯ будани мавзуи таҳқиқшаванда ба он вобаста аст, ки тайи се даҳсолаи охир, дар ҳаёти маънавии ҷомеаи Тоҷикистон ҳамчун натиҷаи сиёсати самараноки иҷтимоӣ-сиёсӣ давлат ва Ҳукумати кишвар ҷомеаи имрӯза оҳиста аз гирдоби бӯҳрони маънавӣ берун рафта, дар эҳё намудан ва таъмини рушди муназзами кишварамон қадамҳои устувор гузошта истодааст. Аммо, тавре дар автореферат таъкид гаштааст, дар тӯли тахминан 5-10 соли охир ба истиснои муаллифони алоҳида, касе аз муҳаққиқон ба таври хоса ин мавзуъро аз лиҳози таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ мавриди омӯзиш қарор надодааст.

Навгонии умдаи диссертатсияи Саидова Ситора Назаровна маҳз ба ҳамин ҳолат вобаста буда, дар он ба таври мушаххас ва вусъати роҳҳои таъсири он ба зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли онҳо омӯхта шуда, ҷанбаҳои методологиву назариявӣ ва амалии он мавриди азнавдарккунӣ қарор дода шудааст.

Таҳлили заминаҳои назариявии мавзуъ ба муаллиф имконият додааст муайян намояд, ки муаммои зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи мутафаккирон ва муҳаққиқон қарор дошта, аввалин андешаҳо доир ба он дар фалсафаи бостони тоҷик, аз ҷумла дар таълимоти зардуштия дар шакли мубориза байни қувваҳои некиву бадӣ, дар монавия байни нур ва зулмот, дар фалсафаи маздакия бошад байни хайру шарръ баён гаштаанд.

Минбаъд ғояҳои дар фалсафаи бостони тоҷику форс баёнгашта, заминаи пайдоиши таълимот дар бораи зиддият дар Юнони Қадим гаштанд. Аз ҷумла, андешаи Гераклит оид ба он, ки “Кайҳон (олам)-и

бекарона ҳамеша буд, ҳаст ва боқӣ мемонад, вай мисли отшаест, ки алангааш гоҳе фурӯзон ва гоҳе хомӯш мегардад, ҳама чиз дар ҳаракат аст ва тағйир меёбад, олами мавҷуда ба тарафҳои мутақобила (тазодҳо) тақсим мешаванд ва тақсимшудагон ба ҳам меоянд ва ин – зеботарин мутавозинии дар ҳастӣ мебошад," заминаи ба вуҷуд омадани парадигмаҳои гуногуни дарки фалсафии муаммои зиддият гаштааст.

Ҳамин тарик, омӯзиши сатҳи коркарди мавзуъ ба унвонҷӯ имконият додааст муайян намояд, ки дар давраҳои гуногуни рушди ҷомеа ин муаммо дар масири гуногун баррасӣ гашта, дар баъзе ҳолатҳо дар таҳқиқи он ба таҳрибкориҳо роҳ дода шудааст. Аз ҷумла, дар фалсафаи баъдиклассикӣ муаммои зиддият дар маркази таваҷҷуҳи ду файласуфи бузург – Г.Гегел ва К.Маркс қарор дода шудааст. Агар Г.Гегел муаммои зиддиятро аз дидгоҳи идеализми объективӣ баррасӣ намуда, қонуни ягонагӣ ва мубориза ба ҳам зидҳоро манбаи асосии тағйирёбиву инкишоф ва такомули "руҳи мутлақ" ҳисобида бошад, К.Маркс мафҳуми зиддиятро барои баррасии муаммоҳои мураккаби иқтисодӣ ва иҷтимову сиёсӣ истифода бурда, ҳузури ду тарафи ба ҳам муқобил ва дар натиҷаи муборизаи онҳо ба вуҷуд омадани категорияҳои навро моҳияти асосии дарки диалектикии ҳодисоти олам ҳисобидааст.

Мавзуи зиддият дар фалсафаи даврони шӯравӣ яке аз масъалаҳои муҳимми тадкикотҳои илмӣ маҳсуб меёфт.

Баъди ба дастдаровардани истиқлолияти давлатӣ тоҷикон, ки таҷрибаи кофии давлатдориро дар шароити демократия ва вазъи номутавозини ҷомеа надоштанд, ба умқи таърих ва фарҳанги миллии худ рӯй оварда аз он сабақҳо бардошта, чунин падидаҳои нодир ба мисли "Оштии миллӣ", "Созиши миллӣ" ва "Ваҳдати миллӣ"-ро рӯи кор оварданд. Ба андешаи унвонҷӯ маҳз ҳамин рӯовариҳо ба захираи бои фарҳангии ниёгон, билохира заминаи боэътимоди истиқрори сулҳу салоҳ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон гашт.

Муҳим ва зарурияти таҳқиқи мавзуъи мазкур ҳамчунин ба бознигарии баъзе ҷанбаҳои методологӣ, аз ҷумла шарҳу тавзеҳи фалсафӣ-иҷтимоии мафҳумҳо вобаста мебошад. Дар ин масир зикр намудан лозим аст, ки унвонҷӯ моҳияти мафҳумҳои зиддияти иҷтимоӣ, низоъҳои иҷтимоиро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дар диссертатсия баён гаштааст, ки ҷомеаи муосири Тоҷикистон то рафт ба фазои пурихтилофе ворид мегардад, ки дар он ҷараёнҳои ҷаҳонишавӣ шаклу мазмуни нав касб намудаанд. Аз он ҷумла, дар шароити бунёди ҷомеаи иттилоотӣ дар рушду таблиғи арзишҳои гуногуни ҳаёти

имруза ва ҷараёни ташаккули худшиносии миллӣ накши технологияҳои иттилоотӣ вусъат меёбад. Вобаста ба ин, акнун мубориза барои ғасби мафкураи инсон на дар ҳастии воқеӣ балки дар фазои маҷозӣ (виртуалӣ) сурат мегирад, ки зарурияти ташаккули фарҳанги иттилоотиро тақозо менамояд.

Омӯзиши автореферат аз он шаҳодат медиҳад, ки дар диссертатсияи унвонҷӯ Саидова С.Н. нуктаҳои дигари диққатҷалбкунанда, ки барои таҳқиқи минбаъдаи мавзуи мазкур мусоидат менамоянд, оварда шудаанд.

Дар баробари ин, ба фикри мо, дар автореферати диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиҳову норасоиҳо ҷой доранд.

Маълум аст, ки зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ падидаи иҷтимоиву таърихист. Тарве аз матни автореферат бармеояд, муаллиф ҳам ин нуқтаро дар диссертатсия қайд намудааст. Пас муаммоҳои имрӯзаи мардум, яъне зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ то ба ҷое омилҳои иҷтимоиву таърихие, ки ниёгони мо паси сар намудаанд вобаста мебошад. Масалан, ба арзишмандии андешаҳои дар таҳқиқот зикр гардида, нигоҳ накарда, бояд эътироф намуд, ки муаммои зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва такомул додани ҷомеа паҳлуҳои наверо касб менамояд, ки онҳо ба таври бояду шояд таҳқиқ нашудаанд.

1. Ба ақидаи мо дар зербоби дуюми боби ду сабабҳои тезу тунд гаштани зиддияту низоъҳои иҷтимоӣ дар солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон то ба охир таҳқиқ нагаштааст.
2. Ба сифати заминаи назариявии таҳқиқот асарҳои илмии файласуфони ватанию хориҷӣ оид ба муаммои зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ, ки ба вазъи ҳаёти маънавии ҷомеа, рушди фарҳанги миллӣ ва раванди худшиносии миллӣ таъсир мерасонанд, ба таври кифоя истифода нагаштааст.
3. Ба фикри мо баъзе нуктаҳои дар автореферат овардашуда таҳрирталаб аст.

Камбудиҳои мазкур арзишмандии илмии таҳқиқоти Саидова С.Н.-ро коста намегардонанд, баракс аз он дарак медиҳад, ки барои таҳқиқотҳои минбаъдаи мавзуъ замина гузорад.

Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар якчанд мақолаҳои дар маҷалаҳои дар КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда чоп шуда, дар фишурдаҳо ва маърӯзаҳои илмии конфронсҳои анъанавии илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявии ДИС ДДТТ инъикос ёфтаанд.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Саидова Ситора Назаровна имконият медиҳад, хулоса намоем, ки он кори илмии ба анҷом расида буда, дар он яке аз масъалаҳои муҳими ҳаёти иҷтимоии ҷомеаи муосири Тоҷикистон баррасӣ гаштааст. Бешубҳа хулосаву натиҷаҳои ба даст омада тасаввуротҳои моро оид ба таъмини сулҳу субот, амнияти ҷомеа, баланд бардоштани сатҳи худшиносии миллӣ мусоидат менамояд.

Маводҳои назариявӣ ва эмпирикии истифода гашта, методологияи таҳқиқот ба талаботҳо ва шиносномаи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқат менамояд.

Рисолаи Саидова Ситора Назаровна дар мавзуи **“Зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли онҳо”** (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ) ба талаботҳое, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 оид ба додани дараҷаи илмии номзади илм тасдиқ карда шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмӣ номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ сазовор мебошад.

Мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ
МДТ “ДДТТ ба номи Абуали ибни Сино”,
номзади илмҳои фалсафа: Азимова М.М.

Имзои мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ
МДТ “ДДТТ ба номи Абуали ибни Сино”
н.и.ф., Азимова М.М.-ро
тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати рушди кадрӣ
МДТ “ДДТТ ба номи Абуали ибни Сино” Сафаров Б.И.